**ХУЛОСАИ**
**шурои диссертатсионии 6D.KOA-015 назди Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм**

Парвандаи аттестатсионии №
Қарори шурои диссертатсионӣ аз 18.02.2026, №9

Барои сазовор донистани Баротзода Ҳамзахон Аваз шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2 - Иқтисодиёт (5.2.8 - Иқтисодиёти нақлиёт ва логистика).

Диссертатсияи Баротзода Ҳамзахон Аваз дар мавзуи «Таъмини рақобатпазирии корхонаҳои нақлиёти автомобилии мусофирбар дар шароити иқтисодиёти рақамӣ (дар маводҳои вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2 – Иқтисодиёт (5.2.8 – Иқтисодиёти нақлиёт ва логистика) дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.KOA-015 назди Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ ( 734042, ш. Душанбе, хиёбони академикҳо Раҷабовҳо 10, фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7-уми январи соли 2022, таҳти №11) 19-уми ноябри соли 2025, суратмаҷлиси №5 ба ҳимоя қабул гардидааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ Баротзода Ҳамзахон Аваз 4-уми феврали соли 1984 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст. Миллаташ тоҷик. Соли 2009 Комплекси ягонаи таҳсилоти Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд (айни ҳол Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд)-ро аз рӯйи ихтисоси баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудит хатм кардааст.

Номбурда солҳои 2009-2015 дар кафедраи тиҷорат ва ҳуқуқи Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд ва солҳои 2016 – 2021 дар кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ, таҳлил ва аудит ба ҳайси ассистенти кафедра фаъолият намуда, аз соли 2021 ба сифати муаллими калони кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ, таҳлил ва аудит ба ҳайси ҳамкори дохила ва ҳамзамон дар вазифаи мудири шуъбаи хоҷагӣ ва хобгоҳи донишҷӯёни донишкадаи болозикр кор менамояд.

Баротзода Ҳ.А. бо фармоиши директори ДИС ДДТТ аз 07 феврали соли 2019, №03/16 ба ҳайси унвонҷӯи кафедраи иқтисодиёт ва соҳибкорӣ дохил шудааст. Дар марҳилаи омода намудани диссертатсия Баротов Ҳамзахон Авазович унвонҷӯи кафедраи иқтисодиёт ва соҳибкорӣ ба шумор мерафт.

Диссертатсия дар кафедраи иқтисодиёт ва соҳибкории Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд анҷом ёфтааст.

**Роҳбари илмӣ**: доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи назарияи иқтисодии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон Хоҷаев Парвиз Давронович.

**Муқарризони расмӣ:**

**1. Бобоев Олимҷон** - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;

**2. Мирзоева Нисобегим Шоназаршоевна** - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи ташкили интиқол ва идора дар нақлиёти ДТТ ба номи академик М.С. Осимӣ ба диссертатсия тақризи мусбат пешниҳод намудаанд.

**Муассисаи пешбар** – Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби раиси ҷаласа - номзади илмҳои техникӣ, мудири кафедраи нақлиёти автомобилӣ Холов Нурмаҳмад Шарифович, эксперт – номзади илмҳои техникӣ, омӯзгори кафедраи мазкур Ҷалолзода Дилшодҷон Сайкабир, доктори фалсафа (Phd), аз рӯйи ихтисоси 6Д050600-Иқтисодиёт (6Д050606-иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ), мудири кафедраи назарияи иқтисодии Донишгоҳи мазкур Шамсов Ҷумъахон Исоевич, котиби илмии ҷаласа – номзади илмҳои иқтисодӣ, и.в. дотсенти кафедраи нақлиёти автомобилӣ Ашуров Носир Амонқулович имзо гардида, бо имзою муҳри ректори муассиса – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Қурбонзода Маҳмадалӣ Раҳмат пешниҳод шудааст, қайд намудааст, ки диссертатсияи Баротзода Ҳамзахон Аваз дар мавзуи «Таъмини рақобатпазирии корхонаҳои нақлиёти автомобилии мусофирбар дар шароити иқтисодиёти рақамӣ (дар маводҳои вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон)» ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он ба дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси ихтисоси 5.2 – Иқтисодиёт (5.2.8 – Иқтисодиёти нақлиёт ва логистика) сазовор мебошад.

Довталаби дараҷаи илмӣ доир ба мавзуи диссертатсия 18 мақолаи илмӣ ба нашр расонидааст, ки аз ин номгӯй 7 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудааст. Маводи интишоргардида нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

**I. Таълифоти муаллиф дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:**

[1-М]. Баротов Ҳ. А. Баҳодиҳии рақобатпазирии корхонаҳои нақлиёти автомобилии мусофирбар / Ҳ. А. Баротов // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2021. – No. 2(36). – P. 67-71. – EDN OZWZCN.

[2-М]. Баротов Ҳ. А. Омилҳои таъсиррасон ба рақобатпазирии сохтори соҳибкории нақлиёти мусофиркаш ва усулҳои таҳлили он / Ҳ. А. Баротов // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2021. – No. 3(37). – P. 37-40. – EDN BKCHQU.

[3-М]. Баротов Ҳ. А. Баҳодиҳии вазъи кунунӣ ва рушди соҳаи нақлиёти автомобилии мусофирбар дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / Ҳ. А. Баротов, П. Д. Хоҷаев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2025. – No. 2. – P. 194-202. – EDN NKMRNY.

[4-М]. Баротов Ҳ. А. Арзёбии рақобатпазирии корхонаҳои нақлиёти автомобилии мусофирбарии вилояти Суғд дар шароити муосир /Ҳ. А. Баротов, П. Д. Хоҷаев // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2025. – No. 1(56). – EDN DYYPYO.

[5-М]. Баротов Ҳ. А. Баҳодиҳии вазъи кунунии фаъолияти корхонаҳои нақлиёти автомобилии мусофирбарии вилояти Суғд [Текст] / Ҳ. А. Баротов, П. Д. Хоҷаев // Номаи Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров, Хуҷанд, 2025. № 1.-С.41-47.

[6-М]. Баротов Ҳ. А. Особенности и проблемы конкурентоспособности пассажирских автотранспортных предприятий в условиях цифровой экономики / Ҳ.А. Баротов, П. Д. Хоҷаев // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2025. – № 7. – С. 80-87. – EDN BSLCDH.

[7-М]. Баротов Ҳ. А. Рақобатпазирии корхонаҳои нақлиёти автомобилии мусофирбар дар шароити иқтисодиёти рақамӣ / Ҳ. А. Баротов, П. Д. Хоҷаев // Иқтисодиёти Тоҷикистон.-2025.-No.3.-P. 182-193.-EDN JPOTFG.

**II. Мақолаҳои муаллиф дар маҷмуаҳо ва нашрияҳои дигари илмӣ:**

[8-М]. Баротов Ҳ. А. “Некоторые особенности оказания услуг пассажирского транспорта на основе инновационного подхода” [Текст] / Ҳ. А. Баротов, П.Д. Хоҷаев // Конференсияи байналхалқии илмӣ-амалӣ дар мавзуи “Тоҷикистон ва ҷаҳони муосир: муаммоҳои мубрами рушди иқтисодиёти инноватсионӣ”, Душанбе -2019

[9-М]. Баротов Ҳ. А. “Некоторые аспекты обеспечения доступности и качества транспортных услуг для населения в соответствии с социальными стандартами” [Текст] / Ҳ.А. Баротов, П. Д. Хоҷаев // Конференсияи илмию амалии байналмилалӣ: “ Тоҷикистон ва ҷаҳони муосир: масоили мубрами рушди иқтисодиёти инноватсионӣ”, Душанбе -2020. С. 238 - 242

[10-М]. Баротов Ҳ. А. “Усулҳои муайянкунандаи рақобатпазирии сохтори соҳибкории нақлиёти мусофиркаш дар иқтисодиёти муосир” [Матн] / Баротов Ҳ.А., Абдураҳимов А.А. // Форуми ҷумҳуриявии иқтисодӣ дар мавзуи “Таъмини рушди устувор ва рақобатпазирии иқтисодиёти Тоҷикистон дар шароити ҷаҳонишавӣ” бахшида ба 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Хуҷанд- 2020

[11-М]. Баротов Ҳ.А. “Усулҳои муосири таҳлили бозоргирии ҳолати молиявии корхона” [Матн] / Баротов Ҳ.А. // Вазъи муосир ва дурнамои рушди баҳисобгирии муҳосибӣ, таҳлил ва аудит дар Ҷумҳурии Тоҷикистон – Душанбе - 2021

[12-М]. Баротов Ҳ. А. “Рақамикунонӣ ҳамчун унсури баландбардории рақобатпазирии корхонаҳои нақлиёти автомобилии мусофирбар” [Матн] / Баротов Ҳ.А. // Рушди устувори иқтисодиёти рақамӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ: муаммоҳо, тамоюл ва таҷрибаи ҷаҳонӣ – Хуҷанд- 2022. С. 93 – 97

[13-М]. Баротов Ҳ. А. ”Усули иқтисодӣ-математикии баҳодиҳии рақобатпазирии корхонаҳои соҳаи хизмат: усули таҳлили иерархӣ” [Матн] / Баротов Ҳ. А., Ниёзов Ҷ. С., Алиев А. Р. // конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи “Муаммоҳо ва дурнамои инкишофи савдои берунаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити саноатикунонии босуръат” – Душанбе – 2024. С. 330 – 337.

[14-М]. Баротов Ҳ. А., Рақобатпазирии корхонаҳои нақлиёти автомобилии мусофирбар ва саҳми он ба иқтисодиёт [Матн] / Баротов Ҳ. А. // конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи “Муаммоҳо ва дурнамои инкишофи савдои берунаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити саноатикунонии босуръат” – Душанбе – 2025. С. 395 – 399.

[15-М]. Баротов Ҳ. А. Оценка конкурентоспособности пассажирского транспорта методом анализа иерархий / Ҳ. А. Баротов, П. Д. Хоҷаев // Известия Академии наук Республики Таджикистан. Отделение общественных наук. – 2025. – № 2(280). – С. 106-113. – EDN UHZKKL.

[16-М]. Баротов Ҳ. А. “Пардохтпазирӣ ҳамчун унсури таҳлили рақобатпазирии корхонаҳои нақлиётӣ” [Матн] / Баротов Ҳ. А., // конфронси илмию амалии байналмилалӣ дар мавзуи “Тоҷикистон ва бозори ҷаҳонии сайёҳӣ” – Душанбе – 2025. С. 266 – 271.

[17-М]. Баротов Ҳ. А. “Бозоргирӣ ҳамчун унсури баландбардории рақобатпазирии корхонаҳои нақлиёти автомобилии мусофирбар” [Матн] / Баротов Ҳ. А. // конфронси илмию амалии байналмилалӣ дар мавзуи “Масъалаҳои таъмини рушди устувори сайёҳӣ” – Душанбе – 2025. С. 261 – 268.

[18-М]. Баротов Ҳ. А. “Консепсияи рақобатпазирии хизматрасонии нақлиёти автомобилӣ” [Матн] / Баротов Ҳ. А., // конфронси ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Муаммоҳои рушди соҳибкорӣ дар соҳаҳои иқтисоди миллӣ» – Душанбе – 2025. С. 201 – 207.

**Ба автореферати диссертатсия аз муҳаққиқони зерин тақризҳо ба шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд:**

**1. Самандарзода Искандар Ҳусейн** - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва омори Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур дар баробари зикри дастовардҳои илмӣ ва муҳокимаю натиҷагириҳои ҷолиби унвонҷӯ эродҳои зеринро қайд намудааст:

- механизмҳои таъмини рақобатпазирӣ барои намудҳои нақлиёти автомобилии мусофирбар пешниҳод гардидааст, вале барои кадоме аз намудҳои он афзалтар будани он мушаххас нашудааст;

- камбудиҳои хурди таҳририву грамматикӣ мушоҳида мегарданд.

**2. Ризозода Тӯра Раббим** - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор муовини ректор оид ба робитаҳои байналмилалии Донишгоҳи давлатии хуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон дар баробари зикри дастовардҳои илмии диссертант ду эрод манзур доштааст:

-дар саҳифаи 21 - 23 бо мақсади муайян намудани дараҷаи таъсиррасонии омилҳо тавассути усули PESTLE - таҳлил гурӯҳбандӣ гардидаанд. Дар доираи усули зикршуда омилҳо ба 6 гурӯҳ аз ҷумлаи омилҳои сиёсӣ, иқдисодӣ, иҷтимоӣ, технологӣ, ҳуқуқӣ ва экологӣ ҷудо мешаванд, аммо омилҳо ба таври пурра шарҳ дода нашудаанд;

-дар расми 6 (саҳ. 26) критерияҳои интихоби самтҳои рақобатпазирии нақлиёти автомобилии мусофирбар пешниҳод гардидаанд, аммо механизмҳои интихобшаванда тавсиф дода нашудаанд.

**3. Шарифзода Бахром Маҳмуд** - доктори илмҳои иқтисодӣ, мудири шуъбаи бозори молиявӣ ва идоракунии лоиҳаҳои сармоягузории Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии Тоҷикистон дар тақризи худ эродҳои зеринро ба автореферат ишора намудааст:

-муқоиса накардани сатҳи рақобатпазирии корхонаҳои наклиёти мусофирбари вилояти Суғд бо корхонаҳои нақлиёти мусофирбари минтиқаҳои дигари кишвар, инчунин шаҳри Душанбе;

-дар автореферат, дар якчанд саҳифаҳо хатогиҳои имловӣ ҷой доранд.

**4. Садриддинов Манучеҳр Исломиддинович** - доктори илмҳои иқтисодӣ мудири шуъбаи кор бо мактаббачагони назди Раёсати АМИТ қайд намудааст, ки автореферати диссертатсия ҷавобгӯйи талабот ва муқаррароти

мавҷуда буда, довталаб сазовори дарёфти дараҷаи илмии дархостшаванда маънидод мегардад, ҳамчунин ба нуктаҳои такмилталаби зерин ишора шудааст:

- дар қисматҳои алоҳидаи таҳлил истифодаи баъзе нишондиҳандаҳои оморӣ маҳдуд мебошанд;

- дар матн баъзе камбудиҳои хурди таҳририӣ ба назар мерасанд.

**5. Маҳмадалӣ Бахтиёр Набӣ** - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, ректори Донишкадаи кӯҳию металлургии Тоҷикистон эродҳои зеринро нисбат ба автореферати диссертатсия пешниҳод намудааст:

- нақши сармоягузориҳои хусусӣ ва давлатӣ дар таъмини рақобатпазирии корхонаҳои нақлиёти автомобилии мусофирбар метавонист ҷудогона таҳлил гардад;

- таҳлили таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ дар автореферат ба назар намерасад, дар ҳоле ки таҳлили муқоисавии амиқ метавонист амалӣ гардад.

**6. Гаибназаров Шухратҷон Умматқулович** - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, д.и.и., дотсент, директори Коллеҷи муҳандисию омӯзгории н. Ҷ.Расулов эродҳои зеринро манзур намудааст:

- дар ҷадвали 9 (саҳифаи 21) таснифи омилҳои таъсиррасон ба рақобатпазирии корхонаҳои нақлиёти автомобилии мусофирбар тибқи усули PESTLE-таҳлил пешниҳод шудааст. Ба мақсад мувофиқ мебуд, агар омилҳои мазкур аз рӯйи гурӯҳҳои дохилӣ ва берунӣ низ чудо карда мешуданд;

- дар саҳифаи 24 моделҳои иқтисодию математикӣ оид ба таъмини рақобатпазирии корхонаҳои нақлиёти автомобилии мусофирбар пешниҳод гардидаанд, аммо нишондиҳандаҳо ва параметрҳои ҳисобкунии онҳо ба таври муфассал шарҳ дода нашудаанд.

**7. Пиров Ҷаҳонгир Тиллоевич** - номзади илмҳои техникӣ, муовини аввали директори Муассисаи давлатии “Нақлиёти автомобилӣ ва хизматрасонии логистикӣ” эродҳои зеринро пешниҳод кардааст:

- бо вуҷуди баррасии масъалаҳои рақамисозӣ дар автореферат хавфҳои иқтисодӣ, ки бо зарурати нигоҳдории доимии техникӣ ва навсозии маҷмӯаҳои барномавӣ-таҷҳизотии ТИК алоқаманданд, ба таври кофӣ муфассал таҳлил нашудаанд. Ин ҳолат талаб мекунад, ки сармоягузориҳои молиявии мунтазам анҷом дода шаванд;

- ҳангоми таҳлили механизмҳои баланд бардоштани рақобатпазирӣ зарур буд, ки ба масъалаҳои оптимизатсияи нишондиҳандаҳои истифодаи техникӣ (масалан, коэффитсиенти истифодаи гардиш ё баромадани нақлиёт ба хатсайр) маҳз аз ҳисоби ҷорӣ намудани системаҳои интеллектуалии нақлиётӣ таваҷҷуҳи бештар дода шавад.

Ҳамаи тақризҳо мусбӣ буда, эродҳо хусусияти тавсиявӣ доранд.

Интихоби муқарризони расмӣ бо мавҷудияти салоҳият ва мавқеи устувор дар доираи таҳқиқот вобаста ба таъмини рақобатпазирии корхонаҳои нақлиёти автомобилии мусофирбар дар шароити иқтисодиёти рақамӣ, мавҷудияти интишорот дар соҳаи мазкур ва қобилияти баҳодиҳӣ ба аҳамияти илмию назариявии диссертатсия, ҳамчунин бо ризоияти шахсӣ барои пешниҳоди тақриз асоснок шудааст.

Интихоби муассисаи пешбар бо он асоснок карда шудааст, ки Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав дар самти илми дахлдор шинохташуда буда, қодир аст, ки арзиши илмӣ ва амалии диссертатсияро муайян намояд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқи илмӣ:**

-натиҷаи саҳми олимони ватанию хориҷӣ оид ба ташаккули аломатҳои рақобатпазирии соҳаҳои гуногуни иқтисоди миллӣ дар шароити рақамикунонӣ, таърифи муаллифии рақобатпазирии корхонаҳои нақлиёти автомобилии мусофирбар ва иқтисодиёти рақамӣ инчунин тавсиф ва хусусиятҳои асосии равишҳои ҷойдошта доир ба назарияи рақобат ва рақобатпазирӣ, тавсифи назарияи рақобат аз нигоҳи мактабҳои иқтисодӣ ва банизомдарории ҷузъҳои ба ҳам алоқаманди рақобатпазирӣ **коркард карда шуд**;

-хусусиятҳо, платформаҳои рақамӣ ва муаммоҳои таъмини рақобатпазирии корхонаҳои нақлиёти автомобилии мусофирбар дар шароити иқтисодиёти рақамӣ, таснифи усулҳои баҳодиҳии рақобатпазирӣ, гурӯҳбандии усулҳои баҳодиҳии рақобатпазирии корхонаҳои нақлиёти автомобилии мусофирбар аз рӯйи нишонаҳо, таснифи нишондиҳандаҳои баҳодиҳии рақобатпазирӣ мутобиқи стратегияи мавқеъгирӣ ва стратегияи устувории молиявӣ, муҳити рақобатии корхонаҳои нақлиёти автомобилии мусофирбар ва раванди ташаккул ва рушди афзалиятҳои рақобатии корхонаҳои нақлиёти автомобилии мусофирбар **пешниҳод шудааст**;

**-исбот шудааст**, ки таъминоти рақобатпазирии хизматрасонии корхонаҳои нақлиёти автомобилии мусофирбар дар шароити муосир бидуни рақамигардонӣ ғайриимкон буда, ҳамзамон истифодаи низомҳои рақамикунонӣ дар соҳаи нақлиёт ва платформаҳои рақамӣ, ба монанди Didi – Chuxing, Yandex – Taxi, Uber ва Bolt**,** ки на танҳо низоми мусофирбариро осонтар ва самараноктар кардаанд, балки ба рушди иқтисоди миллӣ низ таъсири назаррас мерасонанд;

-**ҷорӣ намудани** механизмҳои таъмини рақобатпазирии корхонаҳои нақлиёти автомобилии мусофирбар дар шароити иқтисодиёти рақамӣ ва татбиқи натиҷаи онҳо ба зарурати интихоби механизми муносиби таъмини рақобатпазирии корхонаҳои нақлиёти автомобилии мусофирбар дар шароити

иқтисодиёти рақамӣ оварда мерасонад. Алгоритми интихоби механизми оптималии рақобатпазирии корхонаҳои нақлиёти автомобилии мусофирбар бо усули иерархӣ коркард шуда, критерияҳои интихоби механизми оптималии таъмини рақобатпазирии корхонаҳои нақлиёти автомобилии мусофирбар муайян карда шуда, меъёрҳои баҳодиҳии рақобатпазири нақлиёти мусофирбар бо усули Томас Саати таҳия гардидаанд.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқ ба он асос карда шудааст, ки дар он** аҳамияти таъмини рақобатпазирии корхонаҳои нақлиёти автомобилии мусофирбар дар рушди иқтисодиёти кишвар беназир буда, дар маҷмӯъ самаранокии низоми иқтисодиро таъмин менамояд, зеро функсияҳои рақобат корхонаҳои мавриди назарро водор месозанд, ки ба навсозӣ ва татбиқи инноватсия барои фаъолияти худ таваҷҷуҳ намуда, сифати хизматрасонӣ ба муштариро баланд намоянд;

**-баён шудани** равандҳои асосии таҳқиқи вазъи кунунии нақлиёти автомобилии мусофирбар, арзёбии рақобатпазирии корхонаҳои нақлиёти автомобилии мусофирбар бо назардошти вазъи молиявии корхона, самаранокии фаъолияти корхона, фаъолнокии корӣ, ҳолати илмию техникӣ ва нишондиҳандаҳои меҳнатӣ ҳамчун василаи баҳодиҳии рақобатпазирии корхонаҳои нақлиёти автомобилии мусофирбар ва таъмини он дар шароити иқтисодиёти рақамӣ;

**-ошкор гардидани** омилҳои муайянкунандаи рақобатпазирии корхонаҳои нақлиёти автомобилии мусофирбари вилояти Суғд, ки онҳо дар зери таъсири омилҳои берунӣ (омилҳоиниҳодӣ, технологӣ, табиӣ) ва омилҳои дохилӣ (гурӯҳи омилҳои техникӣ, ташкилию ҳуқуқӣ, маркетингӣ, инсонӣ, инноватсионӣ) фаъолияти пурсамар мекунанд;

**-омӯхта шуданд** омилҳои калидии дохилии таъсиркунанда ба рақобатпазирии корхонаҳои нақлиёти автомобилии мусофирбар бо истифода аз модели Эдвард Алтман бо мақсади арзёбии мавқеи молиявӣ ва индекси Хирфандали Хиршман бо мақсади арзёбии мавқеи консентратсияи бозории корхонаҳои нақлиёти автомобилии мусофирбар. Ҳамзамон бо мақсади муйян намудани дараҷаи таъсиррасонии омилҳо тавассути усули PESTLE – таҳлил гурӯҳбандӣ ва ҷудо намудани ин омилҳо ба гурӯҳҳои омилҳои сиёсӣ (Political), иқтисодӣ (Economic), иҷтимоӣ (Social), технологӣ (Technological), ҳуқуқӣ (Legal) ва экологӣ (Ecological);

**-аз нав такмил додани** алгоритми интихоби механизми оптималии рақобатпазирии корхонаҳои нақлиёти автомобилии мусофирбар бо усули иерархӣ, критерияҳои интихоби механизми оптималии таъмини

рақобатпазирии корхонаҳои нақлиёти автомобилии мусофирбар, меъёрҳои баҳодиҳии рақобатпазири нақлиёти мусофирбар бо усули иерархӣ.

**Аҳамияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешавад, ки:**

- натиҷаҳои алоҳидаи илмӣ - амалии таҳқиқотро дар мактабҳои олӣ дар ҷараёни таълими фанҳои “Маркетинг”, “Идоракунии маркетингӣ”, “Тадқиқоти маркетингӣ”, “Иқтисодиёти корхона”, “Иқтисодиёти инноватсионӣ”, “Маркетинги рақамӣ”, “Идоракунии рақобатпазирии корхона”, “Иқтисодиёти соҳаи нақлиёт”, “Таҳлили иқтисодӣ ва логистика”, инчунин дар ташкил ва гузаронидани курсҳои махсуси таълимӣ истифода бурдан мумкин аст **(маълумотномаи №1128 аз 23.12.2024);**

-дар баланд бардоштани сатҳи рақобатпазирии корхонаҳои нақлиёти автомобилии мусофирбар аз ҷониби Вазорати нақлиёт ва зерсохторҳои он, инчунин Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд **истифода мегардад**. Муқаррарот, хулосаҳо ва тавсияҳое, ки дар рафти тадқиқоти диссертатсионӣ ба даст оварда шудаанд, барои татбиқ дар фаъолияти амалии МД «Нақлиёти автомобилӣ ва хизматрасонии логистикӣ» дар вилояти Суғд қабул карда шудаанд **(маълумотномаи № 126 аз 23.04.2025);**

-модели иқтисодию риёзии таъмини рақобатпазирии корхонаҳои нақлиёти автомобилии мусофирбари вилояти Суғд дар шароити иқтисодиёти рақамӣ ва татбиқи он **офарида шуд**. Дар асоси моделҳои иқтисодию риёзии таъмини рақобатпазирии корхонаҳои нақлиёти автомобилии мусофирбар пешгӯии нишондиҳандаҳои фаъолияти корхонаҳо барои давраи то соли 2030 амалӣ гардонда шудааст;

-самтҳои афзалиятноки таъмини рақобатпазирии корхонаҳои нақлиёти автомобилии мусофирбар дар вилояти Суғд **муаррифӣ карда шуд**. Унсурҳои таркибии инноватсия ва самаранокии онҳо арзёбӣ гардида, бо мақсади муносибгардонии фаъолияти корхонаҳои нақлиёти автомобилии мусофирбар, яъне беҳтар намудани идоракунии воситаҳои нақлиёт, беҳтар кардани хатсайрҳо, кам кардани хароҷот ва беҳтар кардани сифати хизматрасонӣ истифодаи низомҳои навигатсионии минтақавӣ ва байналмилалӣ тавсия дода мешавад. Ҳамзамон барои фаъолияти пурсамари нақлиёти автомобилии мусофирбар истифода бурдани аутсорсинг ва низоми *GPS* ва *ГЛОНАСС* ба мақсад мувофиқ ҳисобида шудааст. Алгоритми татбиқи инноватсия дар фаъолияти корхонаҳои нақлиёти автомобилии мусофирбар ва марҳилаҳои зарурии он таҳия карда шуданд.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд, ки** бо далелҳои методологии рисолаҳои назариявии кори диссертатсия, таҳлили

интиқодии адабиёти махсус оид ба масъалаҳои таъмини рақобатпазирии корхонаҳои нақлиёти автомобилии мусофирбар, истифодаи усулҳои муосири тадқиқот, инчунин санҷиши натиҷаҳои тадқиқот дар конфронсҳои илмию амалӣ бо нашр намудан дар маҷаллаҳои илмии пешқадам таъмин карда мешавад;

**-ғоя асоснок карда шудааст**, ки равишҳои классикӣ ва неоклассикӣ ба механизми табиӣ ва математикӣ барои танзими бозор асос ёфта, равишҳои институтсионалӣ ва системавӣ таъсири сохторҳои иҷтимоӣ ва низомҳои глобалиро меомӯзанд. Равиши стратегӣ тағйирот ва стратегияҳои рақобатро дар шароити муосир баррасӣ карда, равиши иқтисодиёти рақамӣ бошад, ба таҳаввулоти технологӣ ва рақамикунонии соҳаҳои иқтисодӣ таваҷҷуҳ зоҳир менамояд. Ҳамзамон доир ба таҳқиқоти назарияи рақобат мактабҳои иқтисодӣ, ба монанди мактаби амрикоӣ, англисӣ, скандинавӣ, шӯравӣ ва муосир мавҷуд мебошанд;

- низомҳои рақамикунонӣ ва платформаҳои рақамӣ дар соҳаи нақлиёт аз як тараф низоми мусофирбариро осонтар ва самараноктар намуда, аз ҷониби дигар ба рушди иқтисоди миллӣ низ таъсири назаррас менамоянд. Аз ин нуқтаи назар таърифи муаллифии рақобатпазирӣ ва иқтисоди рақамӣ дар асоси таҳқиқи таърифоти пешина бо назардошти шароити мавҷуда **пешниҳод шудаанд**;

**-муайян карда шудааст,** ки дар зери мафҳуми рақобатпазирии корхонаҳои нақлиёти автомобилии мусофирбар қобилияти қонеъгардонии талаботи мизоҷ тавассути интиқоли микдорӣ ва сифатии муайян, ки мавқеи хосро дар бозори хизматрасониҳои нақлиётӣ бо назардошти гирифтани фоидаи зиёд ишғол менамоянд, фаҳмида мешавад. Ҳамзамон рушди технологияҳои рақамӣ ва афзоиши рақобат дар бозори нақлиёти автомобилӣ, корхонаҳои мусофирбар ба зарурати рақамикунонӣ рӯ ба рӯ шудаанд. Рақамикунонӣ на танҳо равандҳои кориро автоматӣ месозад, балки сатҳи хизматрасониро беҳтар намуда, самаранокии фаъолияти ширкатҳоро баланд мебардорад;

-усулҳои таҳлил аз рӯйи тарзи баҳодиҳӣ, тарзи инъикоси натиҷаҳои ниҳоӣ, қабули қарорҳои идоракунӣ, объекти баҳодиҳӣ ва аз рӯйи мақсади баҳодиҳӣ гурӯҳбандӣ шуда, усул ва нишондиҳандаҳо бо назардошти стратегияи устувории молиявӣ ва стратегияи мавқеъгирӣ **истифода шудаанд.**

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ.** Ҳамаи давраҳо ҷиҳати иҷрои нақшаи кории илмӣ, аз ҷумла интихоб ва таҳияи мавзуъ, асосноккунӣ ва мубрамияти он, мақсади гузошташуда ва нақшаи кории иҷрои вазифаҳои он бо иштироки бевоситаи муаллиф гузаронида шудааст. Саҳми шахсии довталаб дар ошкор намудани хусусиятҳо ва муаммоҳои таъмини рақобатпазирии корхонаҳои нақлиёти автомобилии мусофирбар дар

шароити иқтисодиёти рақамӣ, таҳқиқи омилҳои муайянкунандаи рақобатпазирии корхонаҳои нақлиёти автомобилии мусофирбарии вилояти Суғд, коркарди модели иқтисодию риёзии таъмини рақобатпазирии корхонаҳои нақлиёти автомобилии мусофирбарии вилояти Суғд дар шароити иқтисодиёти рақамӣ, интихоби механизми муносиби таъмини рақобатпазирии корхонаҳои нақлиёти автомобилии мусофирбар дар шароити иқтисодиёти рақамӣ ва мукаммалгардонии самти афзалиятноки таъмини рақобатпазирии корхонаҳои нақлиёти автомобилии мусофирбар дар вилояти Суғд, зоҳир мегардад.

Тавсияҳои методӣ оид ба таъмини рақобатпазирии корхонаҳои нақлиёти автомобилии мусофирбар дар шароити муосири иқтисодӣ, ки ҷуброни хавфҳои коҳиши ҳиссаи бозор, татбиқи стратегияҳои афзоиши даромад, сармоягузорӣ ба иқтидори инноватсионӣ ва баҳодиҳии рақобатпазириро дар бар мегирад, таҳия шуда, мувофиқи алгоритми татбиқи усули иерархӣ, инчунин фаъолияти инноватсионии корхона ҳамчун самти муҳимтарини таъмини рақобатпазирии корхонаҳои нақлиёти автомобилии мусофирбар интихоб гардидааст.

Дар маҷлиси шурои диссертатсионӣ аз 18 феврали соли 2026 қарори сазовор донистани Баротзода Ҳамзахон Аваз бо дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ қабул карда шуд. Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар маҷлиси шурои диссертатсионӣ аз 11 нафар аъзои шуро 10 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла докторони илм оид ба ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда 5 нафар. Овоз доданд: тарафдор 10 нафар, муқобил – нест, бюллетени беэътибор – нест.

Раиси
шурои диссертатсионӣ
д.и.и., профессор — Раҳимзода Ҳ.Р.

Котиби илмии
шурои диссертатсионӣ,
н.и.и. — Қодирзода Н.Ҳ.

18 феврали соли 2026

**ҚАРОРИ**
**шурои диссертатсионии 6D. КОА-015-и назди**
**Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ**

аз 18-уми феврали соли 2026 шаҳри Душанбе

Суханронии Баротзода Ҳамзахон Аваз дар мавзуи «Таъмини рақобатпазирии корхонаҳои нақлиёти автомобилии мусофирбар дар шароити иқтисодиёти рақамӣ (дар маводҳои вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2 – Иқтисодиёт (5.2.8 – Иқтисодиёти нақлиёт ва логистика), тақризи муассисаи пешбар – Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, суханронии муқарризони расмӣ – Бобоев Олимҷон – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи идораи давлатӣ ва иқтисоди миллии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Мирзоева Нисобегим Шоназаршоевна – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи ташкили интиқол ва идора дар нақлиёти ДТТ ба номи академик М.С. Осимӣ, муқарризони ғайрирасмӣ – д.и.и., профессор Рауфӣ Абдуғаффор, д.и.и., дотсент, Ҷалилов Умарҷон Ҷамилович, д.и.т., и.в. профессор Сайдализода Абдурауф Сайдалиро шунида баррасӣ карда, шурои диссертатсионӣ дар натиҷаи овоздиҳии пинҳонӣ, хулосаи қабулкардаи худ оид ба диссертатсия, дар бораи асолат, арзиш, навоварӣ ва натиҷаҳои бадастовардаи Баротзода Ҳамзахон Аваз

**ҚАРОР ҚАБУЛ МЕКУНАД:**

1. Диссертатсияи Баротзода Ҳамзахон Аваз дар мавзуи «Таъмини рақобатпазирии корхонаҳои нақлиёти автомобилии мусофирбар дар шароити иқтисодиёти рақамӣ (дар маводҳои вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2 – Иқтисодиёт (5.2.8 – Иқтисодиёти нақлиёт ва логистика) ба талаботи бандҳои 31 ва 33-35-и Тартиби додани дараҷаи илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, комилан мувофиқат мекунад.
2. Маводи илмии чопнамудаи довталаби дараҷаи илмӣ мазмуну мундариҷаи диссертатсияро пурра инъикос менамояд.
3. Ба Баротзода Ҳамзахон Аваз дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ дода шавад.
4. Барои додани дипломи номзади илмҳои иқтисодӣ ба Баротзода Ҳамзахон Аваз аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда шавад.

Хоҳиш мекунам, ки мавқеи худро нисбат ба ин қарори шурои

диссертатсионӣ муайян намуда, овоз диҳед.

Тарафдор - 10 нафар. Муқобил - нест. Бетараф - нест.

Қарор якдилона қабул карда шуд.

Раиси шурои диссертатсионӣ
д.и.и., профессор Раҳимзода Ҳ.Р.

Котиби илмии шурои
диссертатсионӣ
н.и.и. Қодирзода Н.Ҳ.

18 феврали соли 2026